№9307/6.1 аз 14.06.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловатан ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” аз 22 июли соли 2013, № 991 ба мақомоти ҳудудии андоз мактубҳои дастурӣ аз 22.09.2014, № 9400/6.1д, аз 28.05.2015, № 5901/13.3-д, аз 03.05.2017, № 6126/13.1 ва аз 16.11.2017, № 14977/13.1 ирсол гардида буд.

Тибқи мактубҳои дастурии дар боло зикргардида, мақомоти ҳудудии андоз ва шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор гардида буданд, ки ҷиҳати мутобиқ намудани шакли ташкили ҳуқуқии Кооперативҳои истеҳсолӣ ва Кооперативҳои матлубот ба талаботи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” аз 22 июли соли 2013, № 991, яъне ба Кооперативҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз супоришҳои қаблии ирсолгардида ҳоло ҳам дар аксарият шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ субъектҳои хоҷагидорӣ дар шакли ташкили ҳуқуқии қаблӣ яъне, кооперативи истеҳсолӣ ва ё кооперативи матлубот фаъолият карда истодаанд, ки ин амал бар хилофи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” мебошад.

Таҳлил ва омӯзиши махзани маълумотҳои Кумитаи андоз муайян намуд, ки шумораи кооперативҳое, ки талаботи қонуни мазкурро риоя накардаанд ҳамаги дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 297 ададро ташкил менамояд. Инчунин, нисбати 28 адад кооперативҳои истеҳсолии дигар вобаста ба ивазшавии шакли ташкили ҳуқуқии онҳо ба кооперативи тиҷоратӣ маълумотҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид карда шуда, аммо бо сабабҳои техникӣ оиди иҷрои чунин амалҳои бақайдгирӣ то охир чораҷӯӣ карда нашудааст.

Бинобар ин, бо мақсади иҷрои пурраи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” мақомоти ҳудудии андоз ва шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бори дигар вазифадор карда мешавад, ки то санаи 01.09.2019 ҷиҳати ивазшавии шакли ташкили ҳуқуқии кооперативҳои истеҳсолӣ ва кооперативҳои матлубот ба кооперативҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ чораҷӯӣ намуда, дар хусуси корҳои анҷомдодашуда дар ин самт ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Мактубҳои дастурии Кумитаи андоз аз 22.09.2014, № 9400/6.1-д, аз 28.05.2015, № 5901/13.3-д, аз 03.05.2017, № 6126/13.1-д ва аз 16.11.2017, № 14977/13.1-д аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раис Н. Давлатзода